# ХУЛОСАИ
# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-030 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

аз 06- уми июли соли 2019 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 таҳқиқоти диссертатсионии Файзов Некруз Наврузович – «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият» аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих Шарипов А.Н.; мушовири илмӣ - доктори илмҳои сиёсӣ Нуриддинов Р.Ш.), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои таърих Воҳидова С., номзади илмҳои сиёсӣ Ҳаким А.Р. ва муқарризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои таърих, профессор Олимов М.А., номзади илмҳои сиёсӣ, Мамадазимов А.М., номзади илмҳои фалсафа Мирзоев Ғ., ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д.-ро шунида, мавриди баррасӣ қарор дод. Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шӯро бобати дурустӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Файзов Некруз Наврузович қабул шудааст, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои интишороти ӯ

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Файзов Некруз Наврузович таҳти унвони «Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият» аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ ҷавобгӯи талаботи ба диссертатсияҳои номзадӣ мувофиқи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос мекунанд.
3. Файзов Н.Н. бо дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих сарфароз гардонида шавад.
4. Ба КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ба Файзов Н.Н. додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дархост пешниҳод карда шавад.

Кӣ ҷонибдори қарори шӯрои диссертатсионӣ аст, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул карда шуд.

Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи номзадияш табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои шӯро барои фаъолияти самаранокашон миннатдорӣ иброз менамоям. Бо ҳамин ҷаласаи шӯро пӯшида эълон карда мешавад.

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Сайидзода З.Ш.**

**Иҷрокунандаи котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Турсунов Т.Х.**